**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон,**
**д.и.и., профессор Факеров Ҳ.Н.**
**_______________**
**«__25__» ___02___ 2020 с.**

# ХУЛОСА

## Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович солҳои 2016-2019 ба шӯъбаи магистратура, аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2017 №11 мавзӯи рисолаи докторант Бобоев Ш.Н. зери номи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳти роҳбарии н.и.и., дотсент Низомов С.Ф. тасдиқ карда шудааст.

Рисолаи илмии Бобоев Ш.Н. дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи кафедраи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит» -и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 22-юми феврали соли 2020, суратҷаласаи №7 муҳокима гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**1. Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Рисолаи илмии Бобоев Ш.Н. дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мавзӯи рузмарраи имрӯза буда, дар сатҳи илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон, бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба

ҳисоб меравад. Мақсади таҳқиқот асосноксозии илмӣ ва таҳияи принсипҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба беҳтар кардани ташкил ва усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ аз ҷониби корхонаҳои таъминкунандаи барқи Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳими рушди тиҷорати онҳо нигаронида шудааст, мебошад.

**2. Саҳми шахсии довталаб.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Ҷамъбастҳои назариявӣ, коркардҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он овардашуда дастоварди шахсии муаллиф мебошанд.

**3. Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи дар кор гузошташуда усулҳои умумии илмӣ ва махсусро, ки ба омӯзиши низоми ҳодисаҳои иқтисодӣ асос ёфтаанд, аз қабили таҳлили низомӣ ва маҷмӯӣ, ҷамъбасти илмӣ, усули таърихӣ, усулҳои муқоиса ва ҳаммонандӣ истифода кардем - дар ҷараёни таҳқиқоти назарияи иқтисодии муосир ва корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба хароҷоти пешниҳоди хизматрасониҳои истеҳсолӣ; усулҳои конкретизатсия, ҷамъбасти маводи назариявӣ ва амалӣ, таҳлили ҳисобҳои муҳосибӣ, интихоб - ҳалли мушкилоти инъикоси арзиши хизматрасонӣ оид ба интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ аз ҷониби корхонаҳои таъминкунандаи энергия дар баҳисобгирии идоракунӣ; усулҳои абстраксияи илмӣ, усули меъёрӣ, усули коэффитсиентҳо ва моделсозии иқтисодию математикӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия – барои гузаронидани аудити хизматрасонӣ оиди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар корхонаҳои таъминкунандаи энергия истифода гардиданд.

**4. Заминаҳои иттилоотии таҳқиқоти диссертатсионӣ** иборат аз омори расмӣ; асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводҳои таълимии вазорату идораҳо; маълумотҳои ҳисоботи корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи барқи кишвар; натиҷаҳои пурсишҳои махсуси аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда.

**5. Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравconfigured:**

1. коркарди муаллифии мафҳуми “Нерӯи барқ” ҳамчун объекти махсуси баҳисобгирӣ бо муайянсозии хусусиятҳои иктисодии ташаккули арзиши аслии он дар асоси пажӯҳиши илми муосир;

2. таъмини иттилоотӣ оид ба баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар доираи муқаррароти методологӣ ва ташкилии он, аз ҷумла: асосноксозии илмии мушкилоти низоми мавҷудаи баҳисобгирии раванди ташаккули хароҷоти интиқол ва таъмини нерӯи барқ. Ин муфидияти иттилооти баҳисобгирӣ - таҳлилиро барои эҳтиёҷоти мақсадноки кормандони роҳбарикунандаи корхона имконият дода, такомули низоми баҳисобгирӣ ва аудити идоракуниро таъмин мекунад;

3. таҳқиқи танқидии тартиби мавҷудаи назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ бо муқаррарсозии самтҳои асосии ислоҳоти соҳа бо мақсади афзоиши самаранокии истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ;

4. таҳияи модели сегментатсионии низоми баҳисобгирии арзиши аслӣ ва ҳисоботи идоравӣ бо ҷудосозии фаъолияти ШСХК "Барқи Тоҷик" аз рӯи 4 сегменти асосӣ ва муносибатҳои идоракунии амудии корхона. Ин имкон дод, ки сатҳи таҳлилии баҳисобгирии хароҷот баланд шавад, марҳилаҳои ҷамъбасти маълумоти баҳисобгирӣ аз рӯи баҳисобгирӣ ва ташкилии ташаккули онҳо муттаҳид карда шаванд;

5. коркарди унсурҳои калидии татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ дар шабакаҳои барқ ва пешниҳоди муаллифии сохтори хароҷоти корхонаи таъминкунандаи нерӯи барқ ва унсурҳои асосии арзиши аслии нерӯи барқ дар ҷараёни ташаккули он бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва талаботи рушди иқтисодиёти кишвар;

6. муқаррарсозии марҳилаҳои асосии ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии хароҷоти интиқол ва таъмини нерӯи барқ ва дар асоси онҳо таҳияи муаллифии нақшаи ҳисобҳои назоратии баҳисобгирии идоравӣ бо инъикоси алоқамандии онҳо;

7. методика ва шаклҳои ҳисоботи дохилии марказҳои масъулиятнокии «Хароҷот» оид ба нишондиҳандаҳои хароҷоти ҳисобшуда ва ӯҳдадориҳои ба он алоқаманд, инчунин натиҷаҳои идоракунии чунин хизматрасониҳо; шаклҳои ҳисоботҳои амалиётӣ оид ба тартиби автоматикунонии баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунии дохилӣ дар асоси барномаи MS Excel. Истифодаи иттилооти ҳисоботӣ имкон медиҳад, ки мониторинги низом оид ба гузариш ба танзими ҳавасмандгардонии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ тавассути таъмини фаврият ва тафсилоти шаклҳои ҳисоботдиҳӣ гузаронида шавад.

8. асосноксозии илмии зарурият, таҳқиқи мушкилот ва пешниҳоди низоми аудити идоракунии дохилии хароҷоти интиқол ва таксими нерӯи барқ бо истифодаи тартиботи аудити мувофиқи нақшаи «мақсадҳо - санҷишҳо - расмиёти аудити дохилӣ». Чунин пайдарҳамии амалҳо, бо назардошти масъалаҳои душвори идоракунии хароҷот, муайянсозии фаврии тафовути хароҷоти воқеӣ аз нақша, қабули қарорҳои стратегиро оид ба беҳтар кардани равандҳои ташаккули хароҷот имкон медиҳад;

9. равишҳои методологӣ, ташкилӣ ва технологӣ оид ба автоматикунони баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунии хароҷот дар асоси барномаи MS Excel. Доираи васеи параметрҳои техникӣ, имконияти истифодаи маҳсулоти барномавӣ аз ҷониби мутахассисони корхона самарабахшии баҳисобгирию таҳлилии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи баркро таъмин менамояд;

10. истифодаи амалии усулҳои моделсозии математикӣ бо мақсади пешгӯии таъсири хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар доираи хусусияти таснифоти онҳо ба натиҷаҳои молиявии корхонаҳои таъминкунандаи барқ имконияти идоракунии стратегии хароҷот,

банақшагирии таъмини маъмурӣ ва захиравии онҳоро дода, инкишофи минбаъдаро таҷассум менамояд;

Тадбирҳои дар ин кор пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки бо дарназардошти таъминоти иқтисодии хароҷоти рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва бехатарии экологии фаъолияти амалиётии корхонаҳои таъминкунандаи барқ омухта шаванд;

**6. Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** тибқи талаботи шаҳодатномаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,40 ҷузъи чопӣ (3.02. ҷ.ч. аз муаллиф) нашр гардидааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва 4 мақола дар конфронсҳои илмӣ - амалӣ чоп карда шуданд.

**Рӯйхати мақолаҳои илмии дар нашриями тавсиявии КОА нашршуда:**

1. **Хароҷоти бариловаи истеҳсолӣ: мушкилоти баҳисобгирӣ тибқи СБҲМ** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2017. – №2/9. – 300 с. ISSN 2413-5151. С. 15-19. - 0,25 ҷ. ч.
2. **Муаммои пешгӯи хароҷот ва таъсири он ба натиҷаи фаъолияти молиявии корхона** // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. ISSN 2076-2569 №4 (253), 2018.-240с. С. 134-139. - 0,25 ҷ. ч.
3. **Учет по сегментам деятельности: современные подходы** // Материалы XVIII международной научно-практической конференции Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований 11-12 февраля 2019 г. North Charleston, USA Том 2-103с. С. 73-78. - 0,32 ҷ. ч.
4. **Баҳисобгирии идоравӣ ва назорати хароҷот дар соҳаи энергетикӣ: ангораи таърихӣ** // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – Душанбе, 2019. – С.47-51. - 0,30 ҷ. ч.
5. **Учет затрат на электроэнергию: Особенности традиционных и потокоориентированных подходов** // Проблемы экономики и юридической практики (международный научный журнал). - М.: Тиражи.ru, 2020. Том XVI № 7. - С. 112-130. -1,25 ҷ.ч.
6. **Особенности бухгалтерского отражения движения энергозатрат в условиях применения МСФО** // Аудит и финансовый анализ. М.: 2020, - № 1. - С. 47-61. -0,75 ҷ.ч.
7. **Современное состояние и перспективы развития управленческого учета в энергетическом секторе путем внедрения метода АВС.** Статья //

Международный теоретический и научно-практический журнал “Аудит и менеджмент”. №1(1), 2018 – Душанбе, с. 52-64. – 0,75 ҷ.ч.

8. **Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсолии нерӯи барқ ва объектҳои истеҳсолкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – Душанбе, 2020. – С.67-73. - 0,30 ҷ. ч.

**Дар дигар нашрияҳо:**

9. **История, достоинство и проблемы таргет – костинг** // Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы VI Международной научно-практической конференции (19-20 мая 2017г, г. Душанбе) – Душанбе: ОИПБА РТ, 2017.- 312с. С. 125-128. - 0,23 ҷ. ч.

10. **Особенности организация учет затрат в энергетическом секторе** // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар шароити муосир” / **Маҷмӯаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (20-21 феврали с. 2018, ш. Панҷакент).** - «Зарафшон», 2018.- 220с. С. 161-165. - 0,44 ҷ. ч.

11. **Предпосылки развития стратегического управленческого учета** // Материалы VIII -ой международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита в условиях цифровой экономики» (20-21 ноября 2019 г, г. Душанбе) - Душанбе: ОИПБА РТ, 2019. - С. 110-120 -0,31 ҷ.ч.

12. **Калькулирование себестоимости продукции и ее значение в управлении** // Материалы международной научно-практической конференции «Таджикистан в условиях глобализации» (декабрь 2019 г. Душанбе). - Душанбе: ТГУК, - С. 166-169 - 0,25 ҷ.ч.

13. **Ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ва аҳамияти он дар идоракунӣ** // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир» (ДДТТ, ш. Душанбе, 6-7 декабри соли 2019).

**Қарор қабул карда шуд:**

Диссертатсияи докторант (PhD) Бобоев Ш.Н. дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо назардошти ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шуд.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит» - и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 22-юми феврали соли 2020, суратҷаласаи №7 қабул гардидааст.

Раисикунанда:
Мудири кафедараи “Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит” дотсент — Мирзоалиев А.А.

Котиб:
н.и.и., муаллими калони кафедраи “Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит” — Раҳимов Ғ.М.

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ — Мумтоз Н.
«24» 02 2020 с.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА ҲУҶҶАТНИГОРӢ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА